# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ___________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 20.06.2026, протоколи №53 барои сазовор донистани Каримзода Аҳлиддин Назир, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

Диссертатсияи Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2026, тахти №85/шд) 11- уми апрели соли 2026 суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 27-уми марти соли 1989 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шудааст. Соли 2017 Донишгоҳи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси мошинҳои ҳисоббарор, системаҳо ва шабакаҳо хатм кардааст.

Каримзода Аҳлиддин Назир аз соли 2014 унвонҷӯи кафедраи физика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Данғара буда, айни ҳол дар вазифаи сардори раёсати молия ва муҳосиботи Донишгоҳи давлатии Данғара, ҳамзамон омӯзгори калони кафедраи информатика ва технологияҳои рақамӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи физика ва география ва информатика ва технологияҳои рақамии Донишгоҳи давлатии Данғара омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Олимӣ Ашуралӣ Рамазон** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муқарризони расмӣ: Шерматов Дусназар Саидович** – доктори илмҳои физика-математика, профессори кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва **Гулаев Ибодулло Хоҷаназарович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Каримзода А.Н. бо имзои раиси ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи мошинҳои ҳисоббарор, системаҳо ва шабакаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Восидов Ш.Ю., ташхисгар, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Истамов Ф.Х. ва котиби ҷаласа, Одинаева С.Э омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. аз 8-уми майи соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Каримзода Аҳлиддин Назир дар мавзуи «Ташаккули тафаккури системавии омӯзгорони ояндаи физика зимни моделронии виртуалии гузаронидани корҳои озмоишӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.2. – Назария ва технологияи таълими физика) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 18 адад интишороти илмӣ нашр намудааст, ки ҳамаи он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мақола ба нашр расонидааст.

1. **Каримзода, А.Н.** Амсиласозии компютерӣ «Муайян кардани коэффитсиенти кори фоиданоки ҳамвории моил» (озмоишгоҳи виртуалӣ) [Матн] / А.Н. Каримзода, А.Р. Олимӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара / Бахши илмҳои табиӣ. – Данғара. – 2023. – №4 (26). – С. 84-96; ISSN 2410-4221.

2. **Каримзода, А.Н.** Истифодаи озмоишгоҳи виртуалӣ дар омӯзиши фанни физика. Модели компютерии «Муайян кардани фишори эталони килограм» [Матн] / А.Н. Каримзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. – 2024. – №1 (27). – С. 45-58; ISSN 2410-4221.

3. **Каримзода, А.Н.** Амсиласозии компютерии Қонуни Омм барои қитъаи занҷир [Матн] / А.Н. Каримзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ / Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – 2024. – №3 (36) – С. 128-137; ISSN 2616-5260.

4. **Каримзода, А.Н.** Истифодаи амсиласозии компютерии қувваи соиш дар раванди таълими физика. [Матн] / А.Н. Каримзода, А.Р. Олимӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2024. – №4. – С. 213-221; ISSN 2074-1847.

5. **Каримзода, А.Н.** Тариқи таҷрибавӣ чен кардани дарозии мавҷи рӯшноӣ (моделсозии компютерӣ) [Матн] / А.Н. Каримзода, А.Р. Олимӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе. – 2025. – №2. – С. 205-211; ISSN 2074-1847.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Каримзода Аҳлиддин Назир ворид шудаанд:

1. Назаров А.П. – д.и.п., профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. Юсупов Ш.Т. д.и.тех., профессори кафедраи химияи технологии Филиали МДТБФ ТО «Донишгоҳи давлатии техникии Самарқанд». Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Муродзода Ш.С. – н.и.п., дотсенти кафедраи технологияи инфрматсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тақриз мусбат аст.

4. Холов А.А. – н.и.п., мудири кафедраи физикаи тиббӣ ва информатика ба номи С. Ситамови Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. Тақриз мусбат аст.

5. Қадамов Қ.Х. – н.и.п., дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев. Тақриз мусбат мебошад.

6. Қурбонова У.Т. – н.и.п., муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамии Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат медошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– бори аввал дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» ва МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мавриди санҷиш қарор додани корҳои озмоишӣ аз фанни физика бо усули моделронии виртуалӣ, баҳогузории хусусиятҳои фаъолнокии онҳо;

– таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани модели тадриҷан ба раванди таълим ҷорӣ намудани технологияи компютерӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни тайёр кардани мутахассисон ва хусусиятҳои муассисаҳои таълимии минтақавӣ;

– муайян намудани «Шароити педагогӣ, ки барои истифодаи самараноки технологияҳои компютерӣ дар таълим мусоидат мекунанд, аз қабили баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, таъмини дастрасӣ ба захираҳои муосири иттилоотӣ, фароҳам овардани муҳити интерактивии таълимӣ ва рушди саводнокии рақамӣ дар байни донишҷӯён».

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

– ба беҳтар гардидани сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ ва риёзӣ бо такмили фанни ТИ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунад;

– омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун падидаи нав дар таълими фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ, ҷиҳати рушд додани қобилият ва баланд бардоштани шавқу рағбати донишҷӯёну мусоидат менамояд;

– дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифодаи ТИК, дуруст истифода бурдани компютер дар раванди таълим», имконияти истифодабарии технологияи интерактивӣ ва мултимедӣ дар дарсҳо, ҳамчунин, таҳлили назариявӣ ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ ба афзоиши донишҳои илмӣ дар соҳаи назария ва методологияи таълими донишҷӯён дар заминаи истифодаи корҳои озмоишӣ мусоидат менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд: Истифодаи методҳои таълимии технологияҳои иттилоотӣ раванди таълими илмҳои табиатшиносиро баланд намуда,

сатҳи донишомӯзиро дар мавриди азхудкунии фанҳои таълимӣ дар гурӯҳҳои техникии МТОК таъмин менамояд. Ҳамчунин, истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ имкони таҳлили омории маълумотҳои дар рафти корҳои таҷрибавӣ ба даст овардашударо тасдиқ менамояд. Натиҷаҳое, ки дар рафти таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, ба талаботҳои муосири асоснокӣ ва эътимоднокии илмӣ ҷавобгӯй мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Дар мустақилона навиштани диссертатсия ва иштироки бевоситаи ӯ дар интихоби мавзуъ ва масъалагузории он зиёд аст. Таҳияи натиҷаҳои бадастомада ва муҳтавои асосии диссертатсияи илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад, саҳми шахсии муаллифро муаррифӣ мекунад. Дар асоси ин таҳқиқот, муаллиф методикаи истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар раванди таълими илмҳои физика ва математика муаррифӣ менамояд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсияи илмӣ баррасӣ шудаанд, маҳсули шахсии муаллиф мебошад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 20- уми июни соли 2026 оид ба сазовор донистани Каримзода Аҳлиддин Назир бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 16 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**

“_20_” ___06___ 2026
ҷ.м.